# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Саидзода Хайридини Хол дар мавзуи «Омӯзиши каротиноидҳои таркиби ангат дар мукоиса ба каротиноидҳои таркиби сабзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия

Дар хулосаи комиссияи экспертӣ масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферати Саидзода Хайридини Хол актуалӣ буда, дар он бори аввал таркиби химиявии ангате, ки дар Тоҷикистон мерӯяд, муайян карда шуда мавриди омӯзиш карор гирифтааст ва дар баррасӣ ҳимояи он иҷозат дода шуд;

мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 1.5.6. Биохимия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2020, №6 соҳаҳои таҳқиқот банди 3, муқарар намудани таркиби химиявии организмҳои зинда, муайян намудани қонуниятҳои сохт, миқдор ва табдили равандҳои фаъолияти ҳаётии организмҳо пайвастагиҳои химиявие, ки ба материяи зинда умумиянд. Банди 5 таҳлил ва синтези моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол, ошкор кардани таъсири физиологии онҳо ва имконияти дар тибб ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ истифода бурдани моддаҳои бадаст овардашуда. Банди 6 ҷудо кардани моддаҳо аз маводи биологӣ, тозакунӣ ва муайян кардани сохтори онҳо. Омӯзиши накш ва иштироки пайвастагиҳои сохторӣ дар обҳои озод, ионҳои ғайриорганикӣ ва органикӣ дар равандҳои биохимиявӣ муҳим аст, тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Таҳқиқотҳои диссертатсия ҷанбаҳои асосии илмии ихтисоси 1.5.6. Бохимияро дақиқ инъикос намуда, ба талаботи муайяне, ки дар шиносномаи ин ихтисос муқаррар шудааст, мувофиқи банди 6 ҷавобгӯ мебошад.

- Банди 6 – ҷудо кардани пайвастагиҳо аз моддаҳои биологӣ, тоза ва муайян кардани сохтори онҳо.
- Омӯзиши накш ва иштироки пайвастагиҳои сохторӣ дар обҳои озод, ионҳои ғайриорганикӣ ва органикӣ дар равандҳои биохимиявӣ.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки қариб тамоми қисматҳои растаниҳо дорои моддаҳои фаъоли биологӣ (МФБ) мебошанд, ки дар равған ва об ҳалшавандаанд. Аз ҷумла, витаминҳо, каротиноидҳо, минералҳо, флавоноидҳо, полисахаридҳо ва дигар моддаҳои биологӣ, ки барои организмҳои зинда аҳаммияти калон доранд.

Натиҷаҳои пажуҳишҳои in vitro ва in vivo дар инсон ва ҳайвонот собит намуданд, ки равғани ангат (*Hippophae rhamnoides* L.) дорои як қатор хосиятҳои муфиди саломатӣ буда, метавонад ҳамчун ҷузъи муҳимми ғизоии одамон ва ҳайвонот истифода шавад.

Ин равған на танҳо манбаи боэътимоди каротиноидҳо, балки як омодагии биологӣ бо таъсири антиоксидантӣ, иммуномодулятсионӣ ва дигар фаъолиятҳои биологӣ мебошад, ки барои пешгирӣ ва табобати бемориҳои гуногун аҳаммияти калон дорад;

- оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб дар асоси маводи кори дисертатсионӣ

10 мақола нашр гардида, аз ҷумла 3 – тои он дар маҷалаҳои эътирофшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст;

- дар рисолаи мазкур равиши методологии истифодашуда ва натиҷаҳои дар асоси озмоишҳо бадастомада дар таҳлили хроматографияи қабати тунук (ХҚТ) дар байни каротиноидҳо моддаҳои зерин виолаксантин (Rf=0,114), зексантин (Rf=0,314), лютеин (Rf=0,371), β-криптаксантин (Rf=0,614), ликопен (Rf=0,800) ва β-каротин (Rf=0,971) идентификатсия карда шудааст;
- таркиби флавоноидҳо, каротиноидҳо, кислотаи аскорбин, витаминҳои $B_1$, $B_2$ ва PP дар меваҳои ангат таҳқиқ шудааст;
- маълумоти таҳлилии ХҚТ барои каротиноидҳои ангат гирд оварда шудааст;
- маълумот оид ба таҳлили каротиноидҳои сабзӣ гир дварда шудаст;
- нишондодҳои технологии хокаи меваи ангат коркард шудааст;
- эътимоднокии натиҷаҳои бадастоварда шуда бо такрорёбии кофии шумораи таҷрибаҳо ва маълумоти озмоишӣ тасдиқ мешавад, ки бо истифодаи асбобҳои ҳасосияташон баланд ва усулҳои биохимиявии ҳозиразамон ба даст омадаанд. Натиҷаҳо, инчунин аз таҳлили системавӣ ва коркарди оморӣ (статистикӣ) гузаронида шуда, эътимодбахш мебошанд;
- комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд, ки диссертатсия дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шавад;
- комиссияи экспертӣ ба ҳайси **мукарризони расмӣ** ва **муассисаи пешбар** пешниҳод менамояд:

**Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич** – доктори илмҳои тиб профессор, узви пайвастаи АМИТ, мудири озмоишгоҳи фармокологии Институти химия ба номи В.И. Никитинаи АМИТ.

**Ҷумъаев Бахшулло Боқиевич -** доктори илмҳои биологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии Озмоишгоҳи биохимияи фотосинтезии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ.

Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбеков.

- комиссияи экспертӣ барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссия ва ДМТ иҷозат медиҳад;
- нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия хулоса пешниҳод мегардад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Саидзода Хайридини Холро дар мавзуи «Омӯзиши каротиноидҳои таркиби ангат дар муқоиса ба каротиноидҳои таркиби сабзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ.

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Саидзода Хайридини Хол дар мавзуи «Омӯзиши каротиноидҳои таркиби ангат дар муқоиса ба каротиноидҳои таркиби сабзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия ба ҳимоя кабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаккиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 1.5.6. Биохимия мувофиқат дорад, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:
   - **Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич** – доктори илмҳои тиб профессор. узви пайвастаи АМИТ, мудири озмоишгоҳи фармокологии Институти химия ба номи В.И. Никитинаи АМИ Тоҷикистон;
   - **Ҷумъаев Бахшулло Боқиевич -** доктори илмҳои биологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии Озмоишгоҳи биохимияи фотосинтезии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ.
3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбеков тавсия дода шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.
5. Барои чопи автреферати диссертатсия бо ҳуқуки дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, профессор Эргашев А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, профессор Ниёзмухамедова М.Б.

номзади илмҳои биологӣ, дотсент Ҳамробоева З.М.

Имзоҳои А. Эргашев ва З.М. Ҳамробоеваро тасдиқ мекунам.

**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** Шодихонзода Э.Ш.

«09» 07.06 соли 2026.

**Имзои М.Б. Ниязмухамедоваро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти ботаника, физиология ва
генетикаи растании АМИТ Умарова Н.С.

734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Карамов 27
тел: (+992-37) 224-71-88; 225-80-83. E-mail: ibfgr@bk.ru
«09» 07.06 соли 2026.